# Муаррифии арзёбии стратегии муҳити зист, қисми I

## Семинари онлайнии баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба арзёбии стратегии муҳити зист дар Тоҷикистон.

*Мартин Смутни*
*Мушовири байналмилалии САҲА*

OSCE
Umwelt Bundesamt
AAP Advisory Assistance Programme
UNECE

# Арзёбии стратегии муҳити зист чист?

- Арзёбии стратегии муҳити зист ин абзори ворид кардани ҷанбаҳои муҳити зист ва тандурустӣ ба нақшаҳо, барномаҳо, сиёсатҳо ва қонунгузорӣ дар баробари ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.





OSCE

Umwelt Bundesamt

# Арзёбии стратегии муҳити зист чист?

- Мутобиқи Протоколи Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо оид ба арзёбии стратегии муҳити зист (Моддаи 2, параграфи 6), арзёбии стратегии муҳити зист чунин маънӣ дорад: “**арзёбӣ кардани таъсири эҳтимолӣ ба муҳити зист, аз ҷумла ба саломатии инсон**, ки муайянсозии **ҳаҷми гузориш дар бораи муҳити зист** ва **омодасозии он**, ба роҳ мондани **иштирок ва машваратҳои ҷомеа** ва дар нақша ё барнома **ба эътибор гирифтани** гузориш дар бораи муҳити зист ва натиҷаҳои иштирок ва машваратҳои ҷомеаро дар бар мегирад”




OSCE

# Ҳадафҳои арзёбии стратегии муҳити зист

- Расонидани маълумот ба равандҳои банақшагирӣ ва қабули қарорҳо ба воситаи:
  - Арзёбии боэътимоди таъсири эҳтимолӣ ба муҳити зист ва саломатии одамон ва
  - Таҳия намудани тадбирҳои дахлдор барои пешгирӣ кардан ё ба ҳадди ақал расонидани таъсири эҳтимолии нохуш ва тақвият додани таъсири эҳтимолии мусбат
- Баргузор кардани машваратҳо бо муассисаҳои давлатӣ ва ҷомеа барои омодасозии нақшаҳову барномаҳо, аз ҷумла, ҳангоми зарурат, ҷанбаҳои фаросарҳадӣ;
- Таъмин намудан, ки натиҷаҳои арзёбиву муҳокимаҳо ҳангоми қабул ва амалӣ кардани нақшаҳову барномаҳо ба эътибор гирифта мешаванд.

# Манфиатҳои арзёбии стратегии муҳити зист

- **Сатҳи баланди ҳифзи муҳити зист ва саломатии инсонро таъмин мекунад**: таъмин менамояд, ки пайомадҳои қарорҳои стратегӣ ба муҳити зист ва саломатии инсон пеш аз қабули қарорҳо баррасӣ ва бартараф шаванд.
- Силсилаи васеи афзалиятҳо ва масъалаҳои устувориро (тағйирёбии иқлим, гузариши энергетикӣ ва ғ.) пешбарӣ мекунад ва ин **ба расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор саҳм мегузорад.**
- Бо таъмин намудани "огоҳсозии бармаҳал" **хавфҳои сармоягузориро коҳиш медиҳад** ва бо ин роҳ, устувории сармоягузориҳоро меафзояд ва рушди иқтисодиву рушди сабзро метезонад.
- Татбиқи арзёбии стратегии муҳити зистро ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ низ метавонанд тақозо кунанд.
- **Вақт ва харoҷотро сарфа мекунад**: ба пешгирӣ кардани хатоҳои гаронбаҳо ва коҳиш додани мӯҳлати тасдиқи лоиҳа ёрӣ мерасонад.

OSCE · Umwelt Bundesamt AAP Advisory Assistance Programme · UNECE

# Манфиатҳои арзёбии стратегии муҳити зист

- **Самарабахшии қабули қарорҳоро баланд мебардорад** ва ба воситаи бештар муштараку шаффоф кардани раванди банақшагирӣ ва қабули қарорҳо идоракуниро тақвият медиҳад.
- **Ихтилофҳои эҳтимолии миёни соҳаҳои гуногуни иқтисодиро** бартараф мекунад.
- **Доираи ҳамкориҳои фаросарҳадиро** васеъ менамояд.

OSCE Umwelt Bundesamt AAP Advisory Assistance Programme UNECE

# Принсипҳои асосии татбиқи самарабахши арзёбии стратегии муҳити зист

Арзёбии стратегии муҳити зист бояд

- Аз ҷониби мақомоти амалӣ шавад, ки масъулияти банақшагириро бар дӯш дорад
- Ҳарчи зудтар дар марҳилаи банақшагирӣ татбиқ шавад ва ба раванди банақшагирӣ алоқаманд бошад – ин коммуникатсияи байни дастаҳои/коршиносони банайшагирӣ ва арзёбии стратегии муҳити зистро тақозо менамояд
- Ба масъалаҳои асосии муҳити зист ва саломатии инсон таваҷҷуҳ намояд, ки ба нақша ё барнома мушаххас дахл доранд
- Силсилаи оқилонаи алтернативаҳоро арзёбӣ кунад
- Ба машваратҳо бо мақомоти ҳифзи муҳити зист ва тандурустӣ ва иштироки ҷомеа имконият диҳад.

OSCE Umwelt Bundesamt AAP Advisory Assistance Programme UNECE

# Принсипҳои асосии татбиқи самарабахши арзёбии стратегии муҳити зист

Арзёбии стратегии муҳити зист бояд

- Бо дарназардошти таваҷҷух ва сохтор он, хусусиятҳои асосии раванди банақшагирӣ, аз ҷумла машваратҳо бо муассисаҳои давлатӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ва ғ. бо санади стратегие мутобиқ шавад, ки мавриди арзёбӣ қарор мегирад.
- Бо методҳои муносибу аз нигоҳи иқтисодӣ самарабахш ва методҳои даходори таҳлил анҷом дода шавад.

# Арзёбии стратегии муҳити зист ва банақшагирӣ

- **Банқшагирӣ** тадбирҳои рушдро таҳлил ва пешниҳод мекунад
- **Арзёбии стратегии муҳити зист** натиҷаҳои алоҳидаи раванди банақшагириро меомӯзад ва метавонад воридсозии ҳар гуна иловаҳои заруриро (тадбирҳои коҳишдиҳӣ) пешниҳод намояд
- Ба таври мусоидтарин, арзёбии стратегии муҳити зист бояд дар баробари банақшагирӣ анҷо дода шавад, вақте, ки
  - Раванди асосӣ раванди банақшагирист ва
  - Арзёбии стратегии муҳити зист бо мантиқ ва тадбирҳои раванди банақшагирӣ мувофиқ меояд

OSCE | Umwelt Bundesamt | AAP Advisory Assistance Programme | UNECE

# Арзёбии стратегии муҳити зист ва арзёбии таъсири муҳити зист (АТМЗ)

- Арзёбии стратегии муҳити зист мега-АТМЗ нест, он набояд таъсири муҳити зистро такрор намояд
- Арзёбии стратегии муҳити зист ба таври идеалӣ масъалаҳои нигаронкунандаи стратегиро дар бар мегирад, ки онҳоро ба воситаи қабули қарорҳои сатҳи лоиҳа наметавон самарабахш бартараф кард
- Арзёбии стратегии муҳити зист метавонад ба АТМЗ тавассути таъмин намудани “роҳнамоӣ” барои рушди сатҳи лоиҳа мусоидат намояд




OSCE

Umwelt Bundesamt

AAP Advisory Assistance Programme

Намунаи ҳолати мушаххас

# АРЗЁБИИ СТРАТЕГИИ МУҲИТИ ЗИСТ БАРОИ НАҚШАИ СТРАТЕГИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ МИЛЛИИ НАҚЛИЁТӢ ТО СОЛИ 2030, СЛОВАКИЯ

OSCE

Umwelt Bundesamt

AAP Advisory Assistance Programme

UNECE




OSCE

Umwelt Bundesamt AAP Advisory Assistance Programme

UNECE

# Мақсад ва муҳтавои нақшаи стратегӣ

- Санади банақшагирии дарозмуҳлат ҳамчун асос барои лоиҳаҳои нақлиётиро ҳаммаблағгузорӣ кардани Иттиҳоди Аврупо
- Тадбирҳое, ки барои ҳамаи намудҳои нақлиёт пешниҳод мешаванд
  - Нақлиёти автомобилӣ
  - Нақлиёти роҳҳои оҳан
  - Нақлиёти ҳавоӣ
  - Нақлиёти обӣ
  - Нақлиёти ҷамъиятӣ ва бемуҳаррик

OSCE Umwelt Bundesamt AAP Advisory Assistance Programme UNECE

# Мақсад ва муҳтавои нақшаи стратегӣ

- Модели нақлиёти автомобилӣ: иттилоот дар бораи шиддати ҳозира ва ояндаи ҳаракат дар шабакаи роҳҳо ва тағйирёбии онҳо дар сурати татбиқ намудани сармоягузориҳои алоҳида
- Даҳлезҳои (коррдидорҳои) дар шакли умумӣ тасвиршудаи роҳҳои мошингард ва роҳҳои оҳан (вале аз нигоҳи макон дақиқ муайян нашудаанд)


Čadca
Žilina
Považská Bystrica
Martin
Ružomberok
Poprad
Bardejov
Prešov
Spišská Nová Ves
Humenné
Trenčín
Prievidza
Brezno
Banská Bystrica
Michalovce
Košice
Piešťany
Topoľčany
Zvolen
Rimavská Sobota
Lučenec
Čierna nad Tisou
Levice
Nové Zámky
Štúrovo
Komárno
Legenda
Pokles/nárast intenzít oproti BAU
-50 000 - -20 000
-20 000 - -10 000
-10 000 - -5 000
-5 000 - -2 000
-2 000 - 0
0 - 2 000
2 000 - 5 000
5 000 - 10 000
10 000 - 20 000
20 000 - 50 000

# Рӯйкарди арзёбии стратегии муҳити зист

- **Таҳлилҳои миқдорӣ ва моделсозӣ:** партоби газҳои гармхонаӣ, сифати ҳаво, ғалоғула
- **Таҳлилҳои фазоӣ:** сифати ҳаво, ғазоғула, ҳифзи гуногунии биологӣ ва табиат, хавфҳои тағйирёбии иқлим, мероси фарҳангӣ
- **Арзёбии сифатӣ:** ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ (масалан, шуғл, воситаҳои маишат, тарзи ҳаёти фаъол ва масъалаҳое, ки бо саломатӣ алоқамандананд), захираҳои об, ҳифзи гуногунии биологӣ ва табиат, мероси фарҳангӣ

OSCE Umwelt Bundesamt AAP Advisory Assistance Programme UNECE

# Намунаи таҳлил: олудашавии ҳаво







Партоби PM10 дар соли 2030

- Фаъолияти муқаррарӣ
- Бо андешидани тадбирҳо

# Намунаи таҳлил: олудашавии ҳаво




Партоби PM10: таҳлили муфассали минтақаи буҳронӣ

OSCE
Umwelt Bundesamt
AAP Advisory Assistance Programme
UNECE

# Намунаи таҳлил: минтақаҳои муҳофизатшуда

Identifikácia potenciálnych konfliktov koridorov dopravnej infraštruktúry
s chránenými územiami




Zdroj dát: SOPSR (2016)
Zostavil: Integra Consulting s.r.o. (2016)

— Hodnotené dopravné koridory

Veľkoplošné chránené územia
Maloplošné chránené územia

# Намунаи таҳлил: минтақаҳои муҳофизатшуда

Таҳлили ибтидоии системаи иттилоотии географӣ (GIS) бо тавсифи баъдии муфассали таъсироти эҳтимолӣ ба маконҳои буҳронӣ, масалан:

Қитъаи R7: Ихтилофи бевоситаи фазоӣ бо ду минтақаи муҳофизатшуда,

- Минтақаи муҳофизатшудаи 1: Даҳлези пешниҳодшуда ба пораҳо тақсимшавии ҳудудро ба вуҷуд оварда, дар маҷмӯъ бо қитъаи баъдӣ эҳтимол аст, таъсири назаррраси нохуш расонад
- Минтақаи муҳофизатшудаи 2: Вобаста аз хатсайри муфассал таъсироти назаррасро метавон бартараф кард

OSCE
Umwelt Bundesamt
AAP Advisory Assistance Programme
UNECE


R5
D3b
3
10
1
R3a
R3b
D1a
4
R4
R4
D1b
R3c
R8
I/65
R1a
D2
7
R2c
R2d
R2a
D1c
6
2
D4
D1d
R2e
R2f
R2g
R1b
R3d
R7d
R7c
R7a
8
R7b
9
kategórie rezistencie
K1
K2
K3
K4
K5
cestné koridory
železničné koridory
N
0
20
40
80
120
Km

# Хулосаҳо дар бораи таъсироти эҳтимолӣ

- Амалисозии Нақша партобро ба ҳаво афзоиш хоҳад дод, вале асосан дар минтақаҳои камаҳолӣ
- Умуман Нақша партоби газҳои гармхонаиро афзоиш хоҳад дод
- Таъсироти эҳтимолан умумии мусбат ба воситаҳои маишат ва саломатии инсон бо хавфи таъсироти маҳаллии манфӣ ба минтақаҳои бухронӣ
- Таъсироти эҳтимолии манфӣ ба гуногунии биологӣ, муҳофизати табиат ва манзара – хавфи таъсироти якҷоя бо дигар омилҳои антропогенӣ

# Натиҷаҳои миёнамуҳлати арзёбии стратегии муҳити зист

Сатҳи стратегӣ

- Муайянсозии манбаъҳои олудашавии ҳаво дар он ҷое, ки шабакаи мониторинги сифати ҳаво бояд тақвият дода шавад
- Муайянсозии қитъаҳои эҳтимолан масъалавии роҳ, ки дар он ҷо алтернативаҳои хатсайри дуртар аз минтақаҳои аҳолинишин бояд ба эътибор гирифта шавад

Роҳнамо барои рушди баъдии лоиҳаҳои инфрасохтори нақлиётӣ

- Муайянсозии хавфҳо ба муҳити зист
- Тавсияҳо барои арзёбии стҳи лоиҳа (ТМЗ)
- Синтези таҳлили фазоӣ барои афзалиятгузории инфрасохтори нақлиётӣ асосро таъмин менамояд

OSCE | Umwelt Bundesamt AAP Advisory Assistance Programme | UNECE

Ташаккур аз таваҷҷуҳатон!